Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимова 64/14)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобоев Нозимҷон Мансурович ба диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи "Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи "Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050901 -1.2., 1.5., 3.5., 10.5., 10.12., 10.18. мутобиқат мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар рисола баррасигардида пурра бандҳои дар боло овардашударо дар бар мегирад.

Дар ин замина бояд қайд кард, ки масъалаҳое, ки дар диссертатсия таҳлил ва баррасӣ мегардад, дар доираи бандҳои дар боло овардашудаи КОА мебошанд.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар таи даҳ соли охир муносибатҳои иқтисодию-сиёсӣ, молиявию-иҷтимоӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ бо суръати баланд дар масири тағйирёбӣ қарор доранд, ки субъектҳои ин гуна муносибатҳоро мебояд, ки ҳамеша дар паи такмил ва назорати фаъолияти худ



Сканировано с CamScanner

бошанд. Дар ин шароит тамоми бахшҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур мебошад, ки усулҳои гуногуни ва муосири идоракуниро истифода намуда, самтҳои асосии фаъолияти худро пеш ва таҷдид намоянд. Бояд гуфт, ки яке аз самтҳои муҳими иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин низом ё бахши бонкӣ мебошад, ки тавассути онҳо заминаҳои маблағгузории иқтисодиёт ташаккул меёбанд.

Ҷиҳати босифат идора намудани захираҳои молиявӣ ва дигар самтҳои фаъолият бонкҳои тиҷоратиро зарур мебошад, ки усули идоракунии корпоративиро ба роҳ монанд. Усули мазкур имконият медиҳад, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосири иқтисодӣ устувории молиявии худро таъмин намуда, хизматрасониҳои рақобатпазирро пешниҳоди бозори бонкӣ намуда, тартиби фаъолияти худро пурра таҷдид намоянд. Усули мазкур дар бонкҳои тиҷоратӣ бояд васеъ ба роҳ монда шавад. Зеро дар яке аз баромадҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ қайд кардаанд: «Бонки миллӣ бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро бо дарназардошти таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ ба талабот мутобиқ сохта, раванди идоракунии корпоративиро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва тадриҷан афзоиш додани сармояи оинномавии онҳоро таъмин намояд". Дар заминаи супориши Пешвои миллат, диссертатсияи мазкур ва масъалаҳои таҳлили он мубрам дониста мешавад. Аҳаммияти хоси баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ бо истифода аз таҳлил ва таҷдидӣ амалан илмӣ ба роҳ монда мешавад, ки дар диссертатсияи мазкур, қисамтҳои он пешниҳод гардидаанд.

Ҳамзамон, ҷанбаи дигари таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он ифода меёбад, ки ҷанбаҳои назариявии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ нишон дода шудааст, ки он дар интиҳо ба нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсири мусбии худро дорад, ки мубрамӣ ва саривақтӣ будани таҳқиқоти мазкурро муайян менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**



Сканировано с CamScanner

Таҳқиқотҳои гузаронидашудаи дар диссертатсия нишон медиҳанд, ки муваффақиятҳои асосии таҳлил аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, ҳамчун натиҷати мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки навгонии илмии таҳқиқотҳои диссертатсионии докторант (PhD) аз асосноккунии ҷанбаҳои илмию назариявӣ, коркарди муқарраротӣ методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷагирӣ гардидаанд, ки татбиқи амалии онҳо дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ бартариятҳои зеринро ба монанди таҷдиди низоми идоракунии корпоративӣ, идоракунии захираҳои молиявию кадрӣ, ҳимояи манфиатҳои саҳмдорон ва такмили фаъолияти Шурои нозирон, дониста мешаванд. Навгониҳои бадастомада натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии муаллиф буда, дар ин раванд пешниҳодҳо илман асосонок гардидаанд, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар самти баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мебошанд, ки ин навгониҳо аз қисматҳои зерин иборат мебошанд:

– дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, муаллиф мафҳуми идоракунии корпоративиро аз нигоҳи худ шарҳ ва тавзеҳ додааст, ки он аз дигар мафҳумҳои то ин вақт пешниҳодгардида, фарқ намуда, дар он афзалиятҳо ва нуқсонҳо муайян гардидаанд. Муаллиф бо тафсири пешниҳоднамудаи идоракунии корпоративӣ маҷмуи чорабиниҳоро дар назар дорад, ки дар ин доира манфиатҳои саҳмдорон, шурои нозирон, менеҷерон ва дигар шахсони манфиатдор дар идоракунии бонк ба инобат гирифта мешавад ва ин яке аз мақсадҳои бонк доир ба баланд бардоштани сатҳи идоракунии стратегӣ мебошад;

– муаллиф дар навгонии дигари таҳқиқот моҳият ва зарурати такмили принсипҳои идоракуии корпоративиро муайян намуда, исбот намудааст, ки он дорои хусусиятҳои хос мебошад ва ин намуди идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси заминаи ҳуқуқӣ дуруст ба роҳ монда шудааст ва он бояд боз ҳам такмил дода шавад. Дар асоси принсипҳои



Сканировано с CamScanner

пешниҳоднамудаи муаллиф дар самти идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти худ ҶСК “Бонки Эсхата” ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст;

– дар навгонии дигар муаллиф сатҳу сифати идоракуниро дар бонкҳои мамлакат муайян намуда, исбот намудааст, ки сатҳ ва сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ аз омилҳои объективию субъективӣ вобастагии калон доранд. Дар баробари ин, муаллиф таъсири омилҳои институтсионалии берунаю дохилиро ба нишондиҳандаҳои асосии молиявии бонк аз қабили даромаднокӣ, назорати самаранок, мавқеи устувор дар бозорҳои молиявӣ муайян намудааст. Инчунин, исбот намудааст, ки баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ ба устувор гардидани ҳолати молиявии бонкҳои тиҷоратии ватанӣ мусоидат мекунад;

– муаллиф дар натиҷаи омӯхтани таҷрибаи хориҷӣ дар самти баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ як қатор пешниҳодҳои муфид намудааст, ки истифодаи ин намуди идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ мебошад. Ҳамчунин, дар диссертатсия амсилаҳои идоракунии корпоративии навъи англо-амрикоӣ, ҷопонӣ, олмонӣ таҳқиқ гардида, роҳҳои муваффақона истифода бурдани ин амсилаҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсионии докторант (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич бар он асос меёбад, ки муқарраროти методии таҳияшуда имкони ба сатҳ ва сифати идоракунии корпоративӣ дар амалияи бонкҳои тиҷоратӣ баҳо доданро медиҳад. Дар амалияи бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифтани пешниҳоду тавсияҳои мушаххаси таҳқиқот ба такмил ва баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративии онҳо мусоидат мекунад. Муқаррарот ва тавсияҳои методӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ марбут ба идоракунии корпоративӣ истифода бурда шаванд. Дар ин замина як қатор имкониятҳои нави илмӣ ва амалӣ



Сканировано с CamScanner

коркарду пешниҳод гардидаанд, ки дар ин самт муаллиф ба як қатор натиҷаҳои илмӣ мушарраф гардидааст. Тибқи асосҳои амалии таҳқиқот, ҷиҳати баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ аз тарафи муаллиф таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Қайд кардан зарур мебошад, ки дар рафти таҳлил муаллиф аз сарчашмаҳои бо эътимод ба монандӣ адабиётҳои илмӣ, мақолаҳо, диссертатсия ва авторефератҳо, маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон, блютенҳои омории бонкӣ, сомонаҳои расмии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маълумотҳои муассисаҳои молиявию қарзӣ васеъ истифода шудаанд, ки дараҷаи илмӣ ва амалии рисолаи мазкурро боло мебаранд. Доир ба масъалаҳои таҳлилшаванда муаллиф дар бобҳои алоҳидаи рисолаи таҳлили назаррас анҷом додааст. Ҷанбаҳои назариявӣ идоракунии корпоративӣ ва хусусиятҳои он дар низоми бонкӣ аз тарафи муаллиф дар боби якум таҳлил гардида (саҳ. 14-46), хулосаҳои илмӣ пешниҳод шудааст. Ҳамчунн, дар боби дуюм ва сеюми рисола, арзёбии сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии такмили он мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст, ки ба як қатор дастовардҳои илмӣ ноил гардидаст (саҳ. 59-147). Аз таҳлили бандҳои илмӣ бармеояд, ки аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳия ва коркарди пешниҳодҳои мушаххас оид ба самтҳои такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароти рушди технологияҳои рақамӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Докторант (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич, дар таҳия ва дуруст ба роҳ мондани раванди таҳқиқот корҳои зеринро анҷом додааст, ки ҳамчун меъёрҳои илман асоснок мебошанд, ки аз қабили: интихоби мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот иборат мебошанд. Муаллиф дар таҳияи муқаррароти назариявӣ оид ба идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба ҳаҷми талаботи маҷмуӣ ва суръати рушди иқтисодӣ дар шароити рақобати комил ва иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳм гузоштааст. Ҳамчунин, дар



Сканировано с CamScanner

рисолаи муаллиф дар самти такмили раванди баландбардории сифати идоракунии корпоративиро дар мисоли бонкҳои тиҷоратии кишвар, таҳлил гузаронида ба натиҷаҳои назарси илмӣ ноил гардидааст, ки саҳми амалии муаллиф ба ҳисоб меравад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар доираи солҳои 2017-2024 муҳокима шудаанд. Ҳамзамон, тавсияҳои методӣ ва амалии ба диссертатсия асосёфта дар ҷараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои «Молия», «Фаъолияти бонкӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Аудит ва ревизия» ва «Муаммоҳои муосири молиявӣ», «Назорати молиявии корпоративӣ» истифода шуда истодаанд. Бояд қайд кард, ки новобаста ба ин натиҷаҳо, натиҷаҳои амалии рисолаи илмӣ дар дигар бахшҳои иқтисодиёт мавриди татбиқ (бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон) гардидаанд. Гуфтан мумкин аст, ки натиҷаҳои рисолаи илмӣ самтҳои васеъ дошта, аҳамияти амалисозии онҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дар доираи маводҳои илмӣ ба монандӣ мақолаҳо дар ҳаҷми 20 адад, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсияи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 180 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шудааст, ки дорои 21 ҷадвал, 10 расм ва 7 замима мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 133 номгӯйро дар бар мегирад. Докторант (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич, доир ба масъалаҳои баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида, ки шарти зарурӣ мебошанд,



Сканировано с CamScanner

барассӣ ва арзёбӣ кардааст. Тафсири мушаххаси онҳоро дар сатҳи бобҳои алоҳида баҳо додан мумкин мебошад.

**Муаллифи рисола дар боби якуми диссертатсия –** “Асосҳои назариявии идоракунии корпоративӣ ва хусусиятҳои он дар низоми бонкдорӣ” асосҳои назариявии идоракунии корпоративӣ омӯхта шуда, моҳият ва хусусиятҳои он дар шароити муосир таҳқиқ гардидаанд, принсипҳо ва амсилаҳои заминавии идоракунии корпоративӣ таҳлил ва баррасӣ гардида, вижагиҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ муайян ва ошкор карда шудаанд.

Дар саҳифаи 14, диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки идоракунии корпоративӣ дар шароити муосир барои масъалаҳои зерин ба монанди: баландбардории боварии саҳомон ва сармоягузорон ва ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Дар масир бояд қайд кард, ки дар ҳақиқат муаллифи диссертатсия дуруст мебошад, ки яке аз муаммоҳо аввалиндараҷа дар фаъолияти бонкҳо ин шароити мусоид барои сармоягузорӣ мебошад.

Асосноккунии масъалаҳои баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар диссертатсия, тибқи омӯзиши зиёде адабиётҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Муаллиф дар ин самт, адади сершумори адабиётҳои илмиро таҳлил намуда, сифатан ба идоракунии корпоративӣ арзёбӣ намудааст ( саҳ 15-25). Дар расми 1.1. аз тарафи муаллиф, таносуби байни вазифаҳои идоракунии менеҷмент ва идоракунии корпоративӣ пешниҳод гардидааст, ки дар он низоми идоракунии корпоративӣ ниҳодҳои идоракунии корпоративӣ бояд пешбарикунанда (муайянкунанда) ва назораткунанда шуда, ниҳодҳои менеҷменти корпоративӣ ҳамчун иҷрокунанда ва татбиқкунандаи сиёсати идоракунии корпоративӣ, пешниҳод менамоянд.

Аз тарафи муаллиф дар диссертатсия принсипҳои идоракунии корпоративӣ таҳлил гардидаанд, ки сатҳи илмии диссертатсия боло бурдаанд. Дар диссертатсия, дар асоси Принсипҳои идоракунии корпоративии СҲИР ва



Сканировано с CamScanner

Кумитати Базел оид ба назаорт 8 то принсипи идоракунии хуби корпоративӣ таҳлил карда шудааст. Дар ин бора қайд карда шудааст, ки кӯшишҳои СҲИР оид ба таҳия ва пешниҳоди принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар миқёси байналмилалӣ вокуниш ва дастгирии васеъ пайдо карданд ва аз ҷониби бисёр кишварҳо, ҳамчун асос барои сохтани амсилаҳои миллии идоракунии корпоративӣ замима гузоштанд (саҳ 33).

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки муаллифи рисолаи илмӣ дар боб ва параграфҳои он кӯшиш намудаанд, ки ҷанбаҳои назариявии идоракунии корпоративӣ ва хусусиятҳои он дар низоми бонкӣ ва приснипҳои онҳоро омӯхта, сатҳи таъсирнокии онҳоро ба фаъолияти софи бонкӣ амиқ баррасӣ намудаад.

**Дар боби дуюми диссертатсия** – “Таҳлилу арзёбии сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон” сатҳи татбиқи идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, масъалаҳои методии баҳодиҳии сифати идоракунии корпоративӣ дар онҳо дида баромада шуда, равандҳои рақамикунонии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ арзёбӣ карда шудаанд.

Аз тарафи муаллиф собит карда шудааст, ки дар шароти муосир ва рушди технологияи рақамӣ, афзоиши амалиётҳои бонкӣ ба миён омада, гирдгардиши ҳуҷҷатнигорӣ низ зиёд гардидааст, тавсеаи доираи корҳои ҳисобдорӣ ва дар маҷмуъ, мураккаб гардидани идоракунии корпоративиро ба миён меорад, ки аҳамияти хадамоти аудити дохилӣ баланд мегардад. Қайд гардидааст, ки бо мақсади беҳтаргардонии фазои идоракунии дохили бонкӣ БМТ дар ҳамбастагӣ бо низоми бонкӣ аз нимаи дуюми соли 2015 татбиқи сиёсати гузариш аз миқдор ба сифатро оғоз намуда буд, ки ин ба беҳтаршавии вазъи идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ мусоидат мекунад.

Яке аз таҳлилҳои нодире, ки дар диссертатсия гузаронида шудааст ин таҳлили устувории низоми идоракунии корпоративӣ дар доираи 15 муассисаҳои молиявию қарзӣ гузаронида шудааст, ки нишондиҳандаҳои қарзҳои иҷораи молиявӣ ва овердрафт, амонатҳо, сармояи пардохтшуда ва



Сканировано с CamScanner

фоидаи соли ҷорӣ, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд ( ҷадвали 2.5., саҳ. 68). Ҷолибтарин амалӣ илмие иҷро шудааст ин тибқи нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.5, таҳияи рейтингӣ 5-гонаи бонкҳо мебошанд, ки он мавқегириҳои онҳоро нишон медиҳад.

Аз тарафи муаллиф қайд карда шудааст, ки идоракунии корпоративӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми имрӯзаи бонкҳо махсуб ёфта, дар он саҳми ширкат, сохторҳои истеҳсолӣ ва муассисаҳои хизматрасонӣ назаррас мебошанд. Дар идоракунии корпоративӣ нишондиҳандаҳои сифати идоракунӣ низ нақши калидӣ дошта, дар он арзёбиҳои самаранок муҳим аст. Ҷиҳати таҳлили нишондиҳандаҳои сифати идоракунӣ, нишондиҳандаҳои риояи манфиатҳои субъектони бонк, нишондиҳандаҳои вазъи молиявии бонк ва нишондиҳандаҳои истифодаи иқтидори захиравии бонкҳо, интихоб ва таҳил гардидаанд, ки яке аз самтҳои муҳим дар масири идоракунии корпоративӣ арзёбӣ мегарданд (саҳ 82).

**Дар боби сеюми диссертатсия** – "Самтҳои асосии такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон" самтҳои асосии такмили механизми идоракунии корпоративии бонкҳо дар шароити бесуботии молиявии ҷаҳонӣ таҳия гардида, омилҳои ниҳодии таъмини сифати идоракунии корпоративии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд ва ҷиҳатҳои алоҳидаи таҷрибаи байналмилалӣ оид ба такмили идоракунии корпоративӣ, ки дар шароити бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти роҳандозӣ доранд, ошкор гардидаанд.

Дар заминаи таҳлилҳои анҷомдодашуда бояд гуфт, ки докторант (PhD) гуфтаҳои зеринро бо масъалаҳои муҳмими баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ бо нишондодҳои зерин асоснок намудааст: динамикаи нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014 – 2023, тағйирёбии сифати сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули солҳои 2014 - 2023 (млн сомонӣ), самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2017, самаранокии фаъолияти бонкҳои



Сканировано с CamScanner

тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2023, омилҳои ниҳодии идоракунии корпоративӣ, таснифоти ниҳодҳои ба идоракунии корпоративӣ таъсиргузор, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба таҳкимбахшии фаъолияти корпоративӣ дар бонкҳо, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд, ки натиҷаҳои муҳими илмӣ, рисола мансуб мешаванд. Бояд гуфт, ки дастовардҳо ва натиҷаҳои илмии диссертатсия қобили қабул ва дастгирӣ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии докторант (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар маҷалаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расидаанд, ки ҳамчун натиҷаҳои илмии диссертатсия ба шумор мераванд. Доир ба мавзуи диссертатсия аз тарафи муаллифи он 20 адад мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 7,5 ҷ.ч. нашр гардидаанд. Аз ин миқдор 6 адад мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расидаанд. Мақолаҳои ба нашр расида ҷанбаҳои асосӣ ва паҳлуҳои алоҳидаи диссертатсияро баён ва муаррифи менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.**

Диссертатсияи докторант (PhD) Абдулхайров Ф.М. тибқи муқарраротҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он бо чанде аз барномаву стратегияҳо, ба монанди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 робита дошта, ба бандҳои ингуна ҳуҷҷатҳо мутобиқат мекунад.



Сканировано с CamScanner

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки диссертатсия тибқи нақшаи корҳои илмии таҳқиқотии кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст. Дар маҷмуъ, диссертатсия дорои моҳияти баланди илмӣ буда, масъалаҳое, ки дар мубрамияти мавзуъ қайд гардида буданд, мавриди таҳлил қарор гирифта, ба натиҷаҳои мушахасси илмӣ ноил гардидааст.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар ҳамаи соҳаҳое, ки дар масири рушд қарор доранд, камбудӣ ё норасоиҳо ба чашм мерасанд. Қабул ва ислоҳи камбудиҳо бояд дар рушди минбаъдаи соҳаҳои гуногун саҳми арзанда дошта бошанд. Хусусан дар соҳаи илм , ислоҳи камбудиҳо ва норасоиҳо сабаб мегарданд, ки сатҳ ва сифати кор боло равад. Бояд гуфт, ки рисолаи мазкур низ дар баробари комёбиҳо, дастовардҳои назарраси илмӣ, таҳқиқотҳои нодир, баъзе камбудиҳо ва норасоиро низ соҳиб мебошад. Ҳамзамон қайд кардан бамаврид мебошад, ки камбудиҳои пешниҳодшаванда, хусусиятҳои тавсиявӣ дошта, қабули онҳо имконият медиҳанд, ки сатҳи илмии рисолаи илмӣ афзоиш ёбад, ки инҳо мебошанд:

1. Омӯзиш нишон дод, ки дар диссертатсия калимаи идоракунӣ бештар аз нуқтаи илми менеҷмент таҳлил гардидааст. Беҳтар мешуд, ки мазмун ва моҳияти идоракунӣ аз нуқтаи назари дигар илмҳо низ таҳлил мегардид.

2. Натиҷаҳои таҳлилро мебоист на танҳо дар фаъолияти ҶСК “Бонки Эсхата” татбиқ мегардид, балки дар фаъолияти дигар муассиаҳои молиявию қарзӣ низ истифода бурда мешуд. Чунин услуб эътимоднокии илмии натиҷаҳои ноилгаштаро боло мебарад.

3. Дар асоси таҳлилҳо агар консепсияи муаллиф доир ба баландбардории саифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ коркард, таҳия ва пешниҳод мешуд, сатҳи илмии рисола боз ҳам афзун мегардид.

4. Дар баъзе ҷадвалҳо солҳои гуногун мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки ин барои гузаронидани таҳлили амиқ кофӣ нест. Бинобар ин,



Сканировано с CamScanner

муаллифро мебоист давраи таҳлилшавандаро дар доираи солҳои аниқ арзёбӣ менамуд, ки ин ба беҳтар гардидани сифати кори таҳқиқотӣ боис мегардид.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.**

Кори диссертатсионӣ анҷомдодашуда номидан мумкин мебошад, дар он мундариҷа ва навгониҳои илмӣ ифода гардида, таҳлилҳои минбаъда, дар асоси мундариҷа ва бобҳою мубрамият асос ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки таҳлилҳои амиқи мубрамият ва мундариҷаи диссертатсияи докторант (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи "Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)" нишон дод, ки он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) аз ҷиҳати мазмун ва талаботҳои мавҷуда мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи молия
ва андози МДТ "ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Бобоев Н.М.

**Дурустии имзои Бобоев Н.М.-ро тасдиқ мекунам.**

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ "ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова, 1

**Телефон:** (+992) 92-804-1616
**Email:** aspirant-2012@mail.ru



Сканировано с CamScanner